## БА ҶОИ ПЕШГУФТОР

Камина, мушовири илмии мудиромил дар Бунёди доиратулмаорифи исломӣ, барои "Донишномаи ҷаҳони ислом" мақола менависад – аз шахсиятҳо ва марказҳои фарҳангии сарзамини худамон. Дар ҳашт ҷилди Донишнома ҳудуди бист матлаб чоп шудааст: "Бухороиёни ҷавон", "Бухорои шариф", "Бертелс", "Бақоии Бухороӣ", "Болдирев", "Бунёди забони форсӣ-тоҷикӣ", "Бунёди фарҳанги Тоҷикистон", "Беҳбудӣ", "Беҳҷат", "Баёнии Хоразмӣ", "Бектош", "Писандии Самарқандӣ", "Петрушевский", "Панҷекат", "Пайрав", "Тоҷикҳо", "Адабиёти тоҷик", "Тамкини Бухороӣ".

Инак, мақолаи "Турсунзода" пешниҳод мешавад.

### МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Мирзо Турсунзода, шоири муосири тоҷик. Дар соли 1911 (1329) дар рустои Қаротоғи шаҳристони Ҳисори Тоҷикистон ба дунё омад. Падараш Усто Турсун дуредгар буд (Маъсумӣ, с. 5-6). Турсунзода дар соли 1918 (1336) модарашро аз даст дод (ҳамон, с. 6). Дар шашсолагӣ ба мактаб рафт ва то 1925 (1340) дар мадрасаи ҷадид дарс хонд. Соли баъд ба шаҳри Душанбе рафт ва дар соли 1927 (1306) за нахустин Омӯзишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон фориғуттаҳсил шуд. Сипас ба Тошканд рафт ва дар он ҷо бо осори Саъдӣ, Низомӣ, Ҳофиз, Айнӣ, Лоҳутӣ ва Пайрав Сулаймонӣ ошно шуд. Дар соли 1930 (1309) давраи таҳсилии Донишгоҳи омӯзгории тоҷикро ба поён бурд ва ба Душанбе бозгашт (ҳамон, с. 9; Д. шуравии тоҷик, ҷ. 7, с. 453; Сайфуллоев, 1971, с. 12-17; ҳамон 1983, с. 18).

Ӯ дар Душанбе дар дафтари рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" машғул ба кор шуд ва нахустин маҳфили шоирони тоҷикро низ ташкил дод. Дар соли 1934 (1313) ба узвияти Конуни нависандагони Тоҷикистон даромад ва муддате дар Театри шаҳри Хуҷанд мушовири адабӣ шуд. Дар соли 1946 (1325) Райиси Конуни нависандагон гардид ва то поёни умр дар ҳамин вазифа боқӣ монд. Вай дар соли 1951 барои узвият дар Фарҳангистони улуми Тоҷикистон интихоб гардид (Сайфуллоев, 1971; Д. шуравии тоҷик, ҳамон ҷо).

Турсунзода дар соли 1947 (1326) ба Ҳинҳдустон сафар кард ва бардошти шоиронаи худро дар силсилаи ашъори "Қиссаи Ҳиндустон" баён намуд. Ин сафарнома ҳам дар шаклу ҳам дар маъно падидае нав буд. Ӯ дар ин китоб дарду ранҷҳои мардумони шибҳиқораи Ҳинди таҳти сайтараи Инглисро ба тасвир кашид ва қолиби адабии силсила – ашъор, қолибҳои гуногуни шеърӣ бо мавзуи ягонаро дар қаламрави адабии шуравӣ бунён гузошт. Дувумин силсила-ашъори ӯ ба номи "Ман аз Шарқи озод" шарҳи сафари ӯ ба Покистон (1949/1328) аст. Вай борҳо ба Эрон сафар кард ва дар матлабе, ки пас аз бозгашт чоп кард, эрониён ва истиқболи гармашонро сутуд (Сайфуллоев, 1383, с. 31, 249).

Турсунзода дар соли 1948/1327 Ҷоизаи адабии сталинӣ, дар соли 1960/1339 Ҷоизаи адабии ленинӣ, дар соли 1963 Ҷоизаи адабии Рӯдакӣ, дар соли 1967/1346 Ҷоизаи ҷаҳонии адабӣ-фарҳангии Ҷавоҳирлаъл Неҳру ва дар соли 1972/1351 Ҷоизаи адабии Ҷамол Абдуносирро гирифт. Ҳукумати Шуравӣ бо унвонҳои ифтихории "Нависандаи мардумии Тоҷикистон" (1961/1340) ва "Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ" (1967/1346)

аз ӯ тақдир намуд (ҳамон, 1971, с. 12-17; Р. Мусулмонқулов, 1984, с. 125). Вай инчунин дар ҳайъати Давлатии Ҷоизаи адабии сталинӣ ва ленинӣ узвият дошт.

Ӯ аз давраи дувум то нӯҳум дар Маҷлиси Иттиҳодияи Ҷамоҳири Шуравии собиқ, намояндаи мардум буд (Сайфуллоев, 1983, с. 12-17; Д. шуравии тоҷик, ҳамон ҷо) ва аз соли 1957/1336 Раёсати Кумитаи Шуравии ҳамсадоӣ бо Осиё ва Офриқоро бар ӯҳда дошт. Вай дар ҳамойишҳои ҳаводорони сулҳ дар Деҳлӣ (1947/1325), Порис (1949/1328), Вена (1955/1334) ва Стокголм (1957/1336) ҳузур ёфт ва дар дифоъ аз ҳуқуқи мардуми мазлуми дунё суханронӣ кард (Сайфуллоев, 1983, с. 33).

Турсунзода пас аз солҳо хидмат ба фарҳангу адаби тоҷик, дар соли 1977/1356 даргузашт. Оромгоҳаш дар шаҳри Душанбе, дар шаҳраки Лучоб воқеъ аст. Тоҷикҳо пас аз маргаш унвони "Қаҳрамони халқи тоҷик"-ро ба ӯ доданд (ҳамон, с. 12-17; Д. шуравии тоҷик, ҳамон ҷо) ва шаҳри Регарро ба номи ӯ номгузорӣ карданд.

Вай аз ҳаштсолагӣ шеър мегуфта ва осори фаровоне халқ кардааст. "Садои Осиё", "Қиссаи Ҳиндустон", "Ман аз Шарқи озод", "Чароғи абадӣ", "Ҳасани аробакаш", "Писари Ватан", "Ҷони ширин" ва "Духтари муқаддас" ҳама аз осори мондагори ӯст.

Турсунзода роҳнамо ва парваришдиҳандаи шоирону нависандагони муҳити адабии Тоҷикистон низ буд. Вай дар муддати даҳ соли хабарнигорӣ, бо рафтуомад миёни мардум осори шифоҳии онҳоро ҷамъоварӣ кард ва дар соли 1940/1318 асареро бо номи "Намунаи фолклори тоҷик" (бо ҳамкории Болдирев) ба чоп расонд. Дигар осори ӯ дар он замон иборатанд аз: намоишномаҳои "Ҳукм" (1933/1312) ва "Хусраву Ширин" (1936/1315), ки намоишномаи ахир бо ҳамроҳии Абдусалом Деҳотӣ навишта шуда буд; нигориши матни нахустин операи миллии тоҷикӣ "Шӯриши Восеъ" (1937/1315) дар бораи Восеъи Балҷувонӣ (таърихи шӯриши ӯ: 1885/1303), Қаҳрамони миллии Тоҷикистон; нигориши матни операҳои "Тоҳиру Зӯҳро" (1943/1321) ва "Арӯс" (1945/1324); тарҷумаи осоре аз Пушкин, Некрасов ва Шевченко; ва ҳикоёту ашъору мақолаҳои адабӣ дар бораи шинохти адабиёт (ҳамон, сс. 258, 432, 435, 437, 445, 451; Д. шуравии тоҷик, ҷ. 7, с. 455). Вай бо синамо низ ҳамкорӣ дошта, аз ҷумла матни сурудҳои филми "Ман бо духтаре вохӯрдам" (таърихи сохти филм 1957/1336) навиштаи ӯст (Шарифов, с. 110).

Нахустин китоби Турсунзода "Парчами зафар" ном дошт, ки муштамил бар ду шеър ва даҳ ҳикоёту як рисола буд. Ин китоб дар соли 1932/1311 бо пешгуфтори Ш. Ҳусейнзода ва вероиши С. Улуғзода чоп шуд (Ибодуллоев, с. 4). Аз ин замон Турсунзода шеъру шоириро ҷиддитар дунбол кард ва ҳам аз ҳайси муҳтаво ва ҳам аз ҳайси сурат ба муваффақиятҳое даст ёфт. Дар он замон, дар муҳити адабии Тоҷикистон ду даста шоир вуҷуд дошт: аксарияти суннатӣ, мисли Зуфархон Ҷавҳарӣ, Аҳмадҷон Махдуми Ҳамдӣ, Мирҳайдар Сарвар ва Муҳаммадҷон Раҳимӣ; ва ақаллияти навпардоз, монанди Пайрав Сулаймонӣ ва Ҳабиб Юсуфӣ. Турсунзода батадриҷ аз дастаи дувум пайравӣ кард.

Роҳи душвори шоирии Турсунзодаро ба ду марҳила метавон тақсим кард: аз ибтидо то соли 1956/1335 ва баъд аз он. Сурудаҳояш дар давраи якум ба лиҳози маънову мазмун андаке сатҳӣ ва аз назарӣ ҳунарӣ хом буданд. Дар даҳаи 1930/1310, ки ҳукумат, шоирону нависандагонро ба ситоиш аз ҳукумати шуравӣ водор мекард, Турсунзода низ ба ситоишҳои муболиғаомез рӯй овард, вале ба ҷои такрори суханони муосиронаш кӯшид, то назарҳои худро бо шарҳи зиндагии мардум перомуни худ матраҳ кунад. Аз даҳаи

1950/1330 ба баъд низ бештар кӯшид дар худшиносии мардумаш саҳим бошад (Р. Мусулмониён, 1990).

Аз мазомини умдаи ашъори Турсунзода ҷойгоҳи зан аст. Ӯ аз ҳусну ҷамоли занон то нақши онон дар тарбияти фарзандон ва ҳаёти сиёсии ҷомеа сухан гуфтааст. Вай дар маснавии "Ҷони ширин", сарнавишти занони тоҷикро бо мардуми мазлуми дигар сарзаминҳои истеъморӣ муқоиса кардааст (Сайфуллоев, 1983, с. 224-244, 328, 336). Дигар мазмуни муҳими ашъори ӯ – дӯстии халқҳост. Вай дар осоре ҳамчун "Писари Ватан", "Қонуни бародарӣ", "Ба бародарони қазоқ" ва "Дӯстонро гум макун" фазилатҳои дӯстиву бародариро баршумурдааст (ҳамон, с. 204, 208, 210, 219, 355-363). Дар ин ашъор, ӯ инсонҳоро ба ду гурӯҳ: заҳматкаш ва истисморгар тақсим карда ва дифоъ аз мардуми заҳматкаши дунёро мавзуи аслии ашъори худ такрор додааст. Талошҳои зулмситезонаи ӯ маҳдуд ба Тоҷикистон набуд, ва бо ин ки то поёни умр нисбат ба ҳаммеҳанонаш вафодор монд (Давронов, с. 3), дар мавриди мавзӯъҳо ва руйдодҳои хориҷ аз марзҳои Тоҷикистон низ беэътино набуд ва ба ҷумҳуриҳои дигари шуравӣ, ва низ Ҳиндустон таваҷҷуҳ дошт (Ҷаъфарлӣ, с. 112). Мавзӯъи аслии ашъори Турсунзода, масоили Осиё, бавежа кишварҳои шарқи он аст (Шоири тоҷик, Мирзо Турсунзода, с. 72; Ёҳаққӣ, с. 325).

Бо ин ки Турсунзода дар анвоъи қолибҳои суннатӣ, монанди ғазалу рубоӣ ва дубайтиву маснавӣ ва қитъа шеър сурудааст, шоире навпардоз шумурда мешавад. Бо ин ҳол, вай дар ашъори нави худ ҳамвора аз вежагиҳо ва имконоти шеъри суннатӣ, назири қофия ва саноеъи адабӣ низ истифода кардааст. Ба ақидаи Чингиз Айтматов, румоннависи қирғиз, Турсунзода бо истифодаи моҳирона аз анвоъи қолибҳо, бавежа рубоӣ ва дубайтӣ, ба адабиёти халқҳои дигар ва ба шеъри нави шуравӣ хидмат кардааст (Айтматов, с. 111). Ӯ дар шеъри худ дар ҳама ҳол ба шоирони бузурге чун Ҳофиз иктифо кардааст (Убайд Раҷаб, с. 136). Нишонае аз табъи шоиронаи Турсунзода ин аст, ки ба ҳангоми зарурат, қофияву радифро ногаҳон тағйир медиҳад, масалан дар ашъоре чун "Чӯпон", "Рӯди ман" ва "Хоҳари мубориз Офриқо" (Мусулмониён, 1984, с. 123-125).

Турсунзода аз вожаҳо моҳирона истифода карда ва зимни баҳрагирӣ аз вожаҳои ноби дарӣ, ба забони муҳовира низ таваҷҷуҳ кардааст. Шеъри ӯ намунаи комили забони зиндаи тоҷикӣ аст, то ҷое ки Ёрдан Милев, нависандаи булғорӣ, барои мутолиаи шеъри Турсунзода, забони тоҷикиро ёд гирифт (Сайфуллоев, с. 90).

Турсунзода ба нақди адабӣ низ пардохта ва осори шоирону нависандагоне чун Раҳим Ҷалил, Миршакар ва Шукӯҳиро нақд кардааст (Бобоев, с. 259-260, 263, 292-293).

Шоирони даҳаҳои 1950-1970 (1350 -1330) бештар ба сабку сухани Турсунзода гароиш доштанд. Мақолаҳои наққодонаи ӯ дар бораи суханварони қадиму ҷадид дар адабиёти муосири Тоҷикистон таъсири муҳиме дошт (Ёҳақӣ, с. 341). Ӯ дар тӯли сӣ соли раёсаташ дар Конуни нависандагони Тоҷикистон, сарпарастӣ ва роҳнамоии даҳҳо шоир ва нависандаи тоҷик, аз ҷумла Муъмин Қаноат, Бозор Собир ва Лоиқ Шералиро бар уҳда дошт (Убайд Раҷаб, с. 234). Кори муҳими дигари ӯ ин буд, ки раҳбарии илмӣ-адабии Садриддин Айниро дар муҳити адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ҳифз кард. Гуфтанӣ аст, ки Айнӣ дар Самарқанд (Ҷумҳурии Ӯзбекистон) мезист. Аз дигар корҳои ӯ касби иҷозат аз давлати шуравӣ барои барпойии ҳамоишҳои ҷаҳонии бузургдошти Рӯдакӣ, Ибни Сино, Фирдавсиву Ҳофизу Ҷомӣ, чопу нашри тарҷумаҳои осори суханварону донишмандони

пешину муосир ва таъсиси Муассисаи интишоротӣ бо расмулхати форсӣ буд. Хонларӣ, Нодирпур ва Чингиз Айтматов ӯро сутудаанд (Айтматов, с. 110; Хонларӣ, ҷ. 1, с. 383; Убайд Раҷаб, ҳамон ҷо).

**Манбаъҳо:**


Абулфазл Ҷаъфарлӣ. Ҷустуҷӯи зиндагӣ: Хотироти даврони муҳоҷират. – Теҳрон, 1337;

Парвиз Хонларӣ. Ҳафтод сухан, ҷ. 1: Шеър ва ҳунар: дар сарзамини Рӯдакӣ. – Теҳрон, 1367;

Шоири тоҷик Мирзо Турсунзода, маҷаллаи "Ошно", соли 1, шумораи 4 (Фарвардин-Урдибаҳишти 1371);

Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ. Мирзо Турсунзода: Зиндагӣ ва қаҳрамонӣ, "Ҷаҳони китоб", соли 8, шумораи 7 (Обони 1382);

Муҳаммад Ҷаъфар Ёҳақӣ. Чун сабӯи ташна: Таърихи адабиёти муосири форсӣ. – Теҳрон, 1384;

Б. Ибодуллоев. Вассофи сулҳу дӯстӣ; Тоҷикони дунё, № 2, с. 2001;

Чингиз Айтматов. Инсоне беназир; маҷаллаи "Садои Шарқ", № 7-12, с. 2001;

Юрий Бобоев. Мирзо Турсунзода. Душанбе, 1961;

А. Давронов. Шоири бархӯрдҳои кайҳонӣ, маҷаллаи "Садои мардум", № 24, майи 1995;

Энсиклопедияи Советии Тоҷик. – Душанбе, 1978-1988;

Носирҷон Маъсумӣ. Ҷавонӣ ва камолоти мусаввири хусну дил, "Ҷашнномаи Мирзо Турсунзода". – Душанбе: Дониш, 1971;

Раҳим Мусулмонқулов. Фурӯғи шеъри ҷонпарвар. – Душанбе, 1984;

А. Сайфуллоев. Меридианы поэзии, – Душанбе, 1971;

А. Сайфуллоев. Мирзо Турсунзода, – Душанбе, 1983;

М. Шарофов. Кинодраматургияи М. Турсунзода, "Ҷашнномаи Мирзо Турсунзода";

Убайд Раҷаб. Зинда ба ишқ. -- Душанбе, 2001.



**Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ.**



**(Донишномаи ҷаҳони ислом, ҷ. 8; Техрон, 1383; с. 464-466)**